# 70 СОЛИ ПУРШАРАФ

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

НАШРИ МАХСУС

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Ба муносибати 70-умин солгарди таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 17 (117) 30-ЮМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2019, ЧОРШАНБЕ


## НОМАИ ТАБРИКИИ РОҲБАРИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ РАҲМОН ОЗОДА ЭМОМАЛӢ

**Устодон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Хурсандибахш ва рамзист, ки дар рӯбарӯи ҷашни бошукӯҳи 25-солагии Конститутсияи Тоҷикистон, ки арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолору тамаддунофари тоҷик дар замони соҳибихтиёрии миллӣ ба шумор меравад, боз як рӯйдоди муҳиму фараҳбахши ҳаёти кишвар - ҷашни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҳи басо пуршараф ва боифтихорро тай намуда, ба як боргоҳи бузурги донишу хирад табдил ёфтааст. Хизматҳои донишмандони ин боргоҳ дар тарбияи ҳуқуқшиносони варзида, кадрҳои баландихтисос, таълиму тарбияи ҷавонони кишвар дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарварӣ басо назаррасанд.

Дастпарварони факултет дар пайравӣ аз ташаббусҳои созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулият ва ифтихори ватандорӣ дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ баҳри таъмини адолату қонуният, таҳкими пояҳои давлати миллӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва баланд бардоштани боварии мардум ба ояндаи дурахшони кишвар софдилона хизмат карда истодаанд. Ифтихорманд аз онам, ки ман низ дастпарвари факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошам ва аз дарсу дониши устодони ин боргоҳ баҳравар гаштаам.

Боварӣ дорам, ки факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар оянда низ якҷо бо ҳайати профессорону омӯзгорони худ сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллатро сармашқи фаъолияти худ намуда, дар тарбияи насли ояндасози миллат саҳми босазо мегузоранд.

Шумо устодони гиромӣ, донишҷӯён ва намояндагони соҳаро бо ҷашни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, бароятон сиҳативу сарбаландӣ ва комёбиву пешравиро орзу менамоям.

*Бо эҳтиром,*

**Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**



**ДАР ИН ШУМОРА:**


ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН с. 2

ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР МАСИРИ 70 СОЛИ ТАШАККУЛ ВА РУШД с. 3

МУАЛЛИМ – САРВАРУ САРКОРИ ИНСОН с. 4

БЕ МУРАББӢ ЗЕРИ ГАРДУН МУЪТАБАР НАТВОН ШУДАН... с. 5

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир:
Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ;
Маҳмудзода М. А.
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0338/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-99-25. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН


**Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**
**академик**

Мояи ифтихору шарафмандист, ки дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дурнамои рушди Тоҷикистони азизро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян намудааст, 70-умин солгарди таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллиро бо шукргузорӣ аз даврони Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои ваҳдату созандагӣ ҷашн мегирем. Ҳанӯз 70 сол муқаддам бо дарки зарурати омода кардани мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар пояи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шуд. Бо такя ба таҳлилу баррасии таърихи 70-солаи факултет метавон бо ифтихор ин марҳилаи таърихиро ҳамчун 70 соли фаъолияти пурбаракату босамар ва 70 соли созандагию бунёдкорӣ баҳогузорӣ намуд. Факултети ҳуқуқшиносӣ дар микёси ҷумҳурӣ аз нахустин ва муҳимтарин марказҳои тарбияи мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба шумор рафта, саҳми он дар самти омода кардани мутахассисони лаёқатманд, анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ, густариши ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва таҳкими пояҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии давлатдории миллӣ беназир аст. Дар давоми 70 соли фаъолият факултети ҳуқуқшиносӣ аз як маркази кучак ба як макони муқаддаси илму таълим, кохи муҳташам ва бузурги илму маърифат табдил ёфт. Агар замони таъсис шумораи умумии кормандони факултет ба 3 нафар ва теъдоди донишҷӯён ба 35 нафар расад ва ҳамагӣ як кафедраи махсуси ҳуқуқ амал мекарда бошад, пас имрӯз шумораи кормандон ба 160 нафар, теъдоди донишҷӯён ба беш аз 3500 нафар мерасад ва дар пояи факултет 11 кафедра фаъолият менамояд.

Бемуболиға, татбиқи ислоҳоти ҳуқуқӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ аз ҷумлаи муҳимтарин масъулиятҳои омӯзгорону хатмкардагони ин факултет буда, саҳми дастпарварони ин махзани илму маърифат дар ҷодаи таъмини қонуният, адолати судӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар назаррас мебошад. Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносӣ 160 нафар омӯзгор кору фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 2 нафар академики АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 21 нафар доктори илми ҳуқуқ, профессор, 64 нафар номзадони илм мебошанд, ки бо осори илмии гаронбаҳову арзишманди худ, чи дар доираҳои илмӣ-ҳуқуқии ватанӣ ва чи дар марказҳои илмӣ ҳуқуқии бурунмарзӣ, маъруфият доранд. Ҳарчанд факултети ҳуқуқшиносӣ зодаи замони шӯравӣ бошад ҳам, рушду нумӯ ва пешрафти ҷашмраси он ба замони Истиқлолияти давлатӣ рост меояд. Воқеан, Истиқлолият барои рушди илму таҳсилот имкониятҳоеро фароҳам овард, ки дар собиқ тасаввурнопазир буд. Бо ёдоварӣ аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ зикри ин нукта муҳим аст, ки олимону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамеша дар таҳқиқоти илмӣ ва барномаҳои тадрисии хеш арзишҳои истиқлолиятро пайгирӣ менамоянд ва бо камоли ифтихор месазад бигӯем, ки омӯзгорону хатмкунандагони он аз татбиқкунандагони фаъоли сиёсати илмиву таҳсилотӣ ва ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буданду ҳастанд. Имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию таҳқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ ҳамкориҳои устувори илмиро ба роҳ мондааст. Олимону муҳаққиқони ин факултет дар бонуфузтарин чорабиниҳои илмии байналмилалӣ иштирок намуда, шарафи давлату миллатро ҳимоя мекунанд. Ҳамин аст, ки масъалаи вусъати ҳамкориҳои беруна бо марказҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ зери таваҷҷуҳи ҳамешагии факултет қарор дорад. Бе тардид, мактаби ҳуқуқии бавуҷудовардаи олимони варзидаи факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳақиқат мояи ифтихори ҳар фарди кишвар буда, дар таҳкими пояҳои давлати тозабунёди тоҷикон нақши муассир дорад. Факултети ҳуқуқшиносӣ имрӯз ба оинаи тамомнамои илму амалияи ҳуқуқ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст ва бигзор ин боргоҳи илму ҳикмат 70 - солаҳои дигар дар хизмати мардум ва кишвари азизи Тоҷикистон бошад. Дар охир, бо орзуву ниятҳои нек ҳама устодону кормандон, донишҷӯёну алоқамандони касби ҳуқуқшиносиро ба ифтихори таҷлили ҷашни пуршарафи 70-солагии факултети ҳуқуқшиносӣ самимона табрик гуфта, барояшон комёбиву дастовардҳои нави илмиву эҷодиро таманно дорам.



**Боиси ифтихор аст, ки имсол таҷлили 70-солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гиромидошти ҷашни 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавъам афтодааст, ки ин далели манзалати олии маърифатии ин боргоҳи илму ирфон ба шумор меравад.**



**Раҳмон Д.С.**
**декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР МАСИРИ 70 СОЛИ ТАШАККУЛ ВА РУШД

Дар чунин лаҳзаҳои таърихӣ мехостам бо камоли эҳтиром ҳайати устодону шогирдон ва кормандонро ба муносибати таҷлили 70-умин солгарди таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, барояшон саломативу хушрӯзӣ, ҳаёти осоиштаву пурсаодат, тавфиқ дар ҷодаҳои илму ирфон ва ҳосили дастовардҳои шоёни таълимиву маърифатӣ, комгориву садоқати афзун бар андӯхтаҳои тафаккури башариро таманно менамоям.

Таваҷҷуҳ ба саҳифаҳои рангину таърихи пурбаракати фаъолияти факултет бозгӯ аз он аст, ки ҳузури ин мактаби нерӯманди олии мамлакат барои омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва рақобатпазири бозори меҳнат, дорои донишҳои баланди назариявӣ, малакаи касбӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва дар руҳияи ғояҳои адолат, накукорӣ, ростӣ тарбияёфта зарур аст.

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои вусъати инқилоби фикрӣ ва илмӣ дар Тоҷикистон хизмати бузургеро анҷом додааст. Ин боргоҳи илму маърифат соли 1949, баъди як соли таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин таъсис ёфта, дар солҳои аввали фаъолияташ дар он ҳамагӣ 35 нафар донишҷӯ таҳсил мекард. Факултет дорои 1 кафедра ва 3 нафар устод буд. Дар масири ташаккули таърихии фаъолияти факултет минбаъд низ самтҳои гуногуни он вусъати нав пайдо намуда, теъдоди донишҷӯёнаш аз 35 нафар ба зиёда аз 3500 нафар расиданд, ки ин дастоварди воқеан шоиста маҳсуб меёбад.

Муҳимтарин саҳифаҳои таърихи факултет ба даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон пайвандӣ дорад. Мувофиқи нишондодҳои оморӣ дар давоми беш аз 28 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисосҳои гуногун факултети ҳуқуқшиносиро зиёда аз 10 ҳазор нафар мутахассисон хатм намуданд, ки аксарияти онҳо имрӯз дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти ҳуқуқии корхонаву муассиса ва ташкилотҳо, бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ, макотиби олии ҷумҳурӣ сарбаландона хидмат мекунанд. Боиси қаноатмандист, ки хатмкунандагони факултет чун чеҳраҳои намоёни сиёсат ва илму адаб бо ҳузури маънавии хеш мояи ифтихори мо ҳастанд.

Масъалаи боло бурдани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, омода намудани мутахассисони болаёқат ва рақобатпазири бозори меҳнат, боло бурдани сатҳи саводнокии донишҷӯён, тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи меҳанпарастӣ ва арҷгузории арзишҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Дар баромади худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 1-уми сентябри соли ҷорӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ таваҷҷуҳи омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои таълимиро ба сатҳу сифати таҳсилот, истифодаи усулҳои пешқадам ва пурзӯр намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ ҷалб намуданд. Зимни суханронӣ Пешвои миллат таъкид доштанд, ки омӯзгорони мо бояд меъёрҳои арзёбии дониши шогирдонро тавсеа бахшанд, барои омӯзонидани таърих, забон, адабиёт, фарҳангу санъати гузаштаву муосир, расму ойин ва дигар арзишҳои миллӣ зиёдтар талош намоянд, ба хонандагону донишҷӯён арзишҳои муқаддаси истиқлолият ва озодиро дуруст шарҳ диҳанд, моҳияти сулҳу суботро ҳамчун шарти асосии зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистони азиз таблиғ созанд, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ талош карда, дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандии демокративу дунявӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Воқеан, мо аз он шукргузорем, ки дар натиҷаи амалӣ сохтани сиёсати ҳадафмандонаи роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои арзанда барои аз бар кардани донишҳои замонавӣ дар муассисаҳои таълимии ҳамзинаҳои таҳсилот муҳайё карда шуда, соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар эътироф гардидааст.

Моро месазад, ки ҷавобан ба ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати кишвар ба хотири таъмини пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона меҳнат кунем, хубу аъло таҳсил намоем, арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллиро ҳифз намоем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва аз давлати соҳибихтиёрамон ифтихор дошта бошем.

Мо аминем, ки аз ҷониби ҳайати устодону кормандони ин кохи муҳташами илму таълими кишвар минбаъд низ дар самти таҳкими пояҳои ҳуқуқии низоми давлатдории миллӣ, такмили низоми ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ хизматҳои арзишмандеро анҷом медиҳанд.

# МУАЛЛИМ – САРВАРУ САРКОРИ ИНСОН

## (ДЕКАНҲОИ ФАКУЛТЕТ)

НАХУСТИН РОҲБАРИ ФАКУЛТЕТ ДОТСЕНТ В.Г. ГРАНБЕРГ БУД.


КАСАТКИН ЮРИЙ ПЕТРОВИЧ


МУЛЛОЕВ МАНСУР МУЛЛОЕВИЧ


ГИМПЕЛЕВИЧ РОМАН САВЕЛЕВИЧ


РОЗИҚОВ ШАРИФ РОЗИҚОВИЧ


МАВЛОНОВ АБДУМАННОН МАВЛОНОВИЧ


ҚОСИМОВ САДРИДДИН МАҲМУДОВИЧ


ҶАЛИЛОВ ҶАББОР РАҶАБОВИЧ


УСМОНОВ ОЧИЛБОЙ УСМОНОВИЧ


ЯМОҚОВА ЗУМРАД ДАДАҶОНОВНА


ИСМОИЛОВ ШАВКАТ МАҲМУДОВИЧ


БОБОНАЗАРОВА ОЙНИХОЛ


МАҲМУДЗОДА МАҲКАМ АЗАМ


ХОЛИҚОВ КАРОМАТУЛЛО НАРЗУЛЛОЕВИЧ


НАСРИДДИНЗОДА ЭМОМАЛӢ САЙФИДДИН


РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК



# БЕ МУРАББӢ ЗЕРИ ГАРДУН МУЪТАБАР НАТВОН ШУДАН...



Сотиволдиев Р.Ш. | Тохиров Ф.Т. | Насриддинзода Э.С. | Ализода З. | Азизкулова Г.С. | Шодизода И.Р.



Камолзода И.И. | Куканов А.З. | Шарифзода С.Ш. | Иброҳимов Д.Қ. | Буризода Э.Б. | Азимова З.М.



Ғаюров Ш.К. | Махмудзода М.А. | Тағойназаров Ш.Т. | Муртазозода Ҷ.С. | Ҳиматов Ҳ.Н. | Қурбонов Қ.Ш.



Ғаффорзода И.Ғ. | Қосимов Ф.А. | Қурбоналзода Н.Ш. | Каримзода Ш. | Саидов Ҳ.М. | Соҳибов М.М.



Бобохонов Ҳ.З. | Хочамуродов Д.Г. | Махмудов Р.Н. | Чураев А.Ш. | Султонова Д.Ш. | Сафарзода А.И.



Шарипов Т.Ш. | Сатторов Ғ.С. | Юлдошева Г.М. | Камолов З.А. | Саидвализода Б.С. | Шарипов Р.И.



Мирзоахмедов Ф.А. | Саидзода Ш.Н. | Сафарализода З.С. | Холиқзода Ш.Л. | Мирзоев С.Т. | Сайфуллозода У.А.

# БАЛАНД АСТ АЗ ҲАМА ШОНИ МУАЛЛИМ



Миралиев Э.Б. | Раҳмонзода М.Ҷ. | Зоирова П.Ҷ. | Каримов Д.Б. | Диноршоҳ А.М. | Имомов А.И.



Ойев Х. | Гадоев Б.С. | Ҷамшедзода Ҷ.Н. | Яқубова С.Н. | Саидзода И.Ҳ. | Марифхонов Р.Н.



Қодиров Ҷ.Ш. | Раҳмон Д.С. | Салоҳиддинова С.М. | Соибов З.М. | Сулаймонов М.С. | Камолов Ш.Ҳ.



Имомов Ҳ.Ш. | Наимов Б.Ғ. | Саиданваров Қ.Ҷ. | Ғаниев Ҷ.Ш. | Саидов С.А. | Сафарзода Ш.И.



Маҳмудов И.Т. | Абдуллоев Н. | Искандаров З.Ҳ. | Баҳриддинзода С.Э. | Мирзамонзода Х.М. | Фозилов Н.Н.



Абдуллоев П.С. | Хоҷаева Н.Б. | Авзалов А.Х. | Неъматуллоев У.Э. | Сафиева М.С. | Раҳимзода М.С.



Ҷалолов Х.Ҷ. | Негматов Б.С. | Раҷабов А.Н. | Исоев К.М. | Шоқулова С.И. | Ғанизода У.Ғ.

# ОМӮЗГОР, ТУ ҲАСТӢ НОМИ БАЛАНДИ МИЛЛАТ



Собиров М.Ш. | Сангинов Д.Ш. | Раҳимзода М.З. | Бозоров Р.Б. | Ғафурзода А.Д. | Мирзозода П.З.



Мирбобоева Р.В. | Ризоева С.К. | Хоҷаева Р.М. | Кабутов Э.Д. | Мавлоназаров О.А. | Муминзода Н.И.



Саъдиев И.З. | Сангов С.И. | Шабонов Ш.С. | Каримов Х. | Азамқулов Ф.Х | Раҷабзода Х.Р.



Раҷабов М.Н. | Қодирқулов Х.Р. | Бобозода У.Х. | Сулаймонов Ф.С. | Идизода Ф.Ф. | Салихов З.И.



Саидов Ҳ.Х. | Мирзоев А.М. | Тоҳиров Г.И. | Қодиров Н.А. | Саломов И.И. | Одинаева Н.Х.



Одинаев У.С. | Хуҷамардова М. | Назарова З.А. | Бобоева М.Т. | Афзали М.К. | Газиева Ҳ.Х.



Шарипова З.А. | Зайниддинов С.Ф. | Шоинбеков О. | Сафаров Ҳ.С. | Рахмонзода Н.Д. | Абдуллоев М.

# ҶАШН МУБОРАК, УСТОДОН!



Саъдизода Ҷ. | Холиқзода А.Ғ. | Сафарзода Б.А. | Азиззода У.А. | Раҳмон Д.С. | Бобоева Н.И.



Миралиев И.Қ. | Саидзода И.И. | Шоев Ф.М. | Искандаров Ш.Ф. | Раҷабова Ш.М. | Исозода П.А.



Шосаидзода Ш. | Сафарзода Н.Ф. | Исматова М.Ҳ. | Қурбонов Қ.Б. | Одиназода Р.С. | Қутбуддинов Ф.Ш.



Қурбонализода Ф. | Муминзода О.С. | Амренова Ш. | Буриев А.Р. | Идрисов Я.А. | Саидмуродова Т.А.



Назаров А.К. | Ямокова З.Д. | Маҷидзода Ҷ.З. | Насриддинов М.Н. | Қодиров Д.С. | Давлатов Б.С.



Шарипов С.С. | Давлатзода К.Д. | Давлатов Д.Д. | Аҳмадов М. | Шарипов М.М. | Ҳабибова Б.



Одинаева З.Ҷ. | Холиқова О.А. | Маҷидова Р.С. | Неъматова М.А. | Охунова Н.Ш. | Касирова Ф.Ҷ. | Шодибекова Г.Ш.